17 09 2018




**Субхи 13 - уми сентябр дар рӯзи сеюми сафари корӣ дар шахру нохияхои Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо максади шиносой бо вазъи зиндагии сокинон, иштирок дар расми мавриди бахрабардорӣ карор гирифтани як катор иншооти хаётан мухим ва сухбату мулокот бо ахолии нохияи Мургоб бо сафари корӣ ба ин нохияи дурдасттарину баландкӯх ташриф оварданд.**

Мавриди зикр аст, ки аз субхи содик хаво дар худуди Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон якбора тагйир ёфта, дар шахри Хоруг борон ва дар нохияи Мургоб барфи шадид борид.
Одатан, вазиши шамоли сахт ва боридани барфи зиёд на танхо ба парвози чархболхо монеа пеш меорад, балки барои инсон хатар хам эчод мекунад. Вале сарфи назар аз ин, бо часорату иродаи кавӣ ва азму талоши созанда Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон аз нияти сафар ба ин минтакаи дурдасттарини Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон нагашта, барои сухбату дидорбинӣ бо мардуми мехнаткарини нохияи Мургоб ба ин мавзеи кӯхистон ташриф оварданд.
Нохияи Мургоб дар баландии 3600 метр аз сатхи бахр карор дорад ва релйефи он мураккабу иклимаш бисёр сард аст.

Сокинони касбу кори гуногуни нохияи Мургоб Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро бо шукӯху шахомат, мехру мухаббати бепоён ва эхтироми самимӣ истикбол гирифтанд. Фазои шукӯху шодӣ ва истикболи гарму самимии ахолии нохияи баландкӯхи Мургоб нишонаи садокат ва мехру мухаббати бепоён нисбат ба фарзанди фарзонаи миллати точик Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон мебошад.
Мавриди зикр аст, ки зимни ин сафар Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба хотири бехбуди шароити кору зиндагии сокинон, бинои маъмурии макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохия, Неругохи барки обии “Точикистон”, Корхонаи саноатии “Комбинати ганигардонии маъдани нукра” ва бинои маъмурии шуъбаи хифзи мухити зисти нохияи Мургобро ба истифода дода, бо сокинон сухбати самимию созанда доир карданд.
Каблан хам, зимни сафархои корӣ ба нохияи Мургоб, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба хотири бехбуди шароити зиндагии сокинон, рушди бахшхои хаётан мухим, пешрафти шугли асосии мардуми ин минтака - чорводорӣ, аз чумла кутоспарварӣ, талошу тадбирхои мушаххасро амалӣ намудаанд. Сокинони нохия хамачониба аз гамхорихои инсондӯстонаи Сарвари давлат бархӯрдоранд. Хукумати кишвар барои таъмини хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ, масолехи сохтмонӣ ва дигар ашёи зарурии рӯзгор чорахои мушаххас андешида, хамасола микдори лозимаи ин маводхоро дар нохия захира менамояд.
Мардуми нохияи Мургоб бо чонибдорӣ аз сиёсати созандаи рохбарияти давлату Хукумати кишвар дар худуди нохия ба хотири истикболи сазовори Чашни 30 - солагии Истиклолияти давлатӣ ба бунёди иншооти таъйиноти гуногун талош меварзанд.

**Бунёди Неругохи барки обии “Точикистон”**
Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон нахуст дар нохияи Мургоби Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон Неругохи барки обии хурди “Точикистон” - ро мавриди бахрабардорӣ карор доданд.

Неругохи барки обии хурди “Точикистон” дорои иктидори 1500 кВт буда, он ташкилоту идора ва ахолии нохияи Мургобро пурра бо барк таъмин мекунад. Бояд тазаккур дод, ки сокинони ин нохияи дурдасти мамлакат дар самти дастрасӣ ба неруи барк танкисӣ доштанд ва бо мавриди истифода карор додани неругох мушкили чандинсолаи онхо бартараф шуд.
Баландии сарбанди неругох 64 метр ва дарозиаш 12 метрро ташкил дода, дар Точикистон ягона сарбанде мебошад, ки дар он иншооти махсуси мохигузар сохта шудааст. Ин сарбанд боис бар он мегардад, ки болотар аз он хачми нисбатан зиёди об ба андозаи 2 миллион метри мукааб чамъ шавад ва хам барои неругохи барки обӣ ва хам барои хифзи экологӣ, аз чумла мохихо, кулай мебошад.
Толори мошинхо масохати 468 метри мураббаъро ташкил дода, он бо истифода аз конструксияи металлӣ ва панелхои махсус сохта шудааст. Ин масолех кобилияти

гарминигохдорӣ аз дохил ва кобилияти хунукинигохдориро аз берун дошта, дар шароити нохияи Мургоб мувофик мебошад. Дар дохили толори мошинхо ду агрегат васл шудааст, ки хар яки он иктидори истехсоли 750 кВт неруи баркро доро мебошад. Идоракунии дастгоххо пурра ба таври автоматӣ ба рох монда шудааст. Кори тачхизоти он тавассути системаи “СКАДА” назорат ва идора карда мешавад.
Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба сифати корхои анчомёфта дар Неругохи барки обии “Точикистон” бахои баланд дода, таъкид намуданд, ки аз ин пас истифодаи самараноку окилонаи неруи барк дар нохияи Мургоб таъмин карда шавад.
Неругохи барки обии “Точикистон” аз лихози чойгиршавӣ дар мавзеи баландкӯх баъди неругохи барки обии хурд бо тавоноии хамагӣ 15 кВт дар Непал аз чихати мавкеъ дар дунё чойи дуюмро ишгол менамояд.
Мавриди зикр аст, ки санги асос барои бунёди Неругохи барки обии «Точикистон»  аз чониби  Асосгузори  сулху  вахдати  миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон гузошта шуда буд.
Яке аз хадафхои стратегии Хукумати Чумхурии Точикистон ин таъмини истиклолияти энергетикӣ мебошад ва он дар мамлакат мархила ба мархила амалӣ гардида истодааст. Дар зарфи 27 соли сохибистиклолии кишвар дар Точикистон баробари бунёду тачдиди калонтарин неругоххои барки обӣ, сохтмони даххо неругоххои хурд пеш гирифта шуда, имрӯз аксари онхо талаботи ахолиро конеъ менамоянд.

**Баистифодадихии бинои макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохияи Мургоб**
13 сентябр зимни сафари корӣ Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар нохияи Мургоби Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон бинои нави маъмурии макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохияро ифтитох намуданд.
Мавриди зикр аст, ки нохияи баландкӯхи Мургоб соли 1932 таъсис ёфта, то имрӯз кормандони макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохия бинои асосии худро надоштанд. Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон кормандони он дар рӯзхои тачлил аз Чашни 27 - солагии Истиклолияти давлатӣ сохиби бинои наву замонавӣ гардиданд. Ин икдоми начибонаи Сарвари давлатро сокинони нохияи Мургоб тухфаи арзанда дар рӯзхои тачлил аз солгарди Истиклолияти давлатӣ арзёбӣ намуданд.
Бино дуошёна буда, дорои таххона ва таваккуфгох барои наклиёти хизматӣ мебошад. Дар ошёнаи якум бойгонӣ, ошхона бо 30 чойи нишаст, мачлисгох бо 240 чой ва дигар иншооти ёрирасон чой дода шудааст. Ошёнаи 2-юм  бошад, аз утокхои корӣ иборат аст. Сохтмони он ханӯз мохи августи соли 2017 огоз гардида буд.
Масохати умумии иншоот 2239,12 метри мураббаъро ташкил медихад. Бино бо тархи муосир бунёд гардида, намои берунаи он бо истифода аз накшу нигори миллӣ оро дода шудааст, ки ба хусни маркази нохия зебоии дигар зам мекунад. Дохил ва беруни бино бо камерахои назоратӣ мучаххаз гардонда шудааст. Дар мачмӯъ, бинои нави макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохияи Мургоб дорои шароити мукаммали корӣ буда, он дар пешбурди фаъолияти тамоми сохахо мусоидат хохад намуд.

Аснои шиносоӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба кори бинокорон бахои баланд дода, кормандонро ба хизмати софдилонаю содикона ба нафъи Ватану миллат хидоят намуданд.

**Ифтитохи бинои нави шуъбаи хифзи мухити зист**

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар нохияи Мургоб, хамчунин, ба фаъолияти бинои маъмурии шуъбаи хифзи мухити зист огози расмӣ бахшиданд.

Иншоот дар масохати 900 метри мураббаъ доман густурда, китъаи чудогардида барои бинои асосӣ 132 метри мураббаъро ташкил медихад. Бино 3 - ошёна буда, чавобгӯ ба талаботи муосир бунёд шудааст.

Дар ошёнаи якум осорхонаи гӯсфанди “Марко Поло” таъсис дода шуда, ошёнаи дуюм аз утокхои корӣ иборат мебошад. Дар кабати сеюм бо шароити муосири хизматрасонӣ мехмонхона чой мегирад. Тавре таъкид гашт, осорхонаи гӯсфанди “Марко Поло” дар вилоят назир надошта, хадафи ташкили он хифз ва зиёд намудани саршумори ин хайвони нодир мебошад.

Дар сахни иншоот ва атрофи бинои мазкур дарахтони мувофик ба иклими ин минтака парвариш меёбанд. Иншоот мутобик ба талаботи муосири меъморӣ бунёд ёфта, он зебогии маркази нохияро дучанд месозад.